«Мувофиқа карда шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________С. Наҷмиддинов
«15» январи соли 2013
№3-12а/8

Бо Фармоиши
Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон тасдиқ шудааст
«28» декабри соли 2012
№20-Ф

# ДАСТУРАМАЛ
## дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо (минбаъд – Дастурамал) дар асоси қисми 4 моддаи 208 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, тартиби ҳисоб ва пардохт, супоридани ҳисоботи андоз ва дигар унсурҳои андозбандии бо андози аксиз алоқамандро муайян менамояд.

2. Аксиз (андози аксизӣ) андози ғайримустақим буда, ба нархи фурӯхташавандаи маҳсулоти зераксизӣ (хизматрасонӣ) зам карда мешавад.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

3.Андозсупорандагон (супорандагони аксизҳо) шахсоне, аз ҷумла воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки амалиётҳои андозбандишавандаро анҷом медиҳанд.

4. Супорандагони аксизҳо мутобиқи ҳамин боб инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷие мебошанд, ки амалиёти андозбандишавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

5. Дар мавриди молҳои зераксизие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ашёи хоми таҳвилкардаи (ашёи хоми барои коркард додашудаи) фармоишгар истеҳсол мешаванд, супорандаи аксизҳо молистеҳсолкунандае мебошад, ки ӯҳдадор аст ба фармоишгар молҳои зераксизии аз ашёи хоми он истеҳсолкардаашро (маҳсулоти тайёрро) бо нархи фурӯше, ки мутобиқи Кодекси андоз аксизро дар бар мегирад, супорад, чуноне ки ин ашёи хоми додашуда ашёи хоми молистеҳсолкунанда бошад.

Ашёи хоми барои коркард додашуда – ин шакли ташкили истеҳсолот мебошад, ки ташкилот-фармоишгар ашёи хомро ба корхона – коркардкунанда дода, аз он маҳсулоти тайёр мегирад. Хусусияти фарққунандаи шартномаи коркарди маҳсулот дар он аст, ки коркардкунанда маҳсулотро аз фармоишгар намехарад ва аз ин рӯ, арзишашро ҳам пардохт намекунад ва танҳо барои коркарди минбаъда қабул мекунад. Дар ин сурат, молики маҳсулоти супоридашуда худи

фармоишгар боқӣ мемонад. Ғайр аз ин, коркардкунанда маҳсулотро таҳвил намекунад, балки ба фармоишгар бар гардонида медиҳад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқи моликияти маҳсулоти коркардшударо коркардкунанда соҳиб мешавад.

Дар ин сурат, коркардкунанда барои фармоишгар коркарди маҳсулотро иҷро мекунад ва ин гуна шартнома ҳамчун шартномаи пудратӣ ҳисоб карда мешавад. Барои корҳои иҷрошуда корхонаи фармоишгар вазифадор аст, ки арзиши коркардро мувофиқи талаботи шартнома пардохт намояд.

6. Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ барои воридоти (истеҳсоли) молҳои зераксизӣ, ба истиснои воридоти (истеҳсоли) молҳои зераксизӣ барои истеъмоли шахсӣ дар доираи ҳадди муқарраршуда, ҳуқуқ надоранд.

Ҳадди муқарраршудаи бо андози аксиз андозбандинашавандаи шароби ангурӣ ва мевагию буттамевагии барои истеъмоли шахсӣ истеҳсолнамудаи шахсони воқеӣ мутобиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 1999, таҳти №292 ба миқдори 30 (сӣ) литр дар як сол муқаррар шудааст.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

7. Амалиёти андозбандишаванда бо молҳои зераксизӣ ва намудҳои фаъолияти зераксизии зерин объектҳои андозбандӣ мебошанд:

а) мутобиқи банди 1) моддаи 196 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон молҳои зераксизии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шударо аз ҳудуди корхона (макони истеҳсолот) берун баровардан, аз ҷумла:

- таҳвили молҳои зераксизӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки андози аксиз барои ин молҳо пешакӣ пардохт шудааст;
- дар асоси ашёи фармоишгар ба дигар шахс супоридани молҳои зераксизӣ барои коркард;
- таҳвили (супоридани) молҳои зераксизие, ки маҳсули коркард аз ашёи хом ва (ё) маводи барои коркард додашуда, аз ҷумла ашёи хом ва (ё) маводи зераксизии барои коркард додашуда мебошад;
- ба фонди (сармояи) оинномавии субъекти соҳибкорӣ дохил намудани молҳои зераксизӣ;
- истифодаи молҳои зераксизӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии молӣ ва ҳангоми пардохт дар шакли аслӣ (натуралӣ);
- фиристодани молҳои зераксизӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда ба воҳидҳои алоҳидаи худ;
- фурӯши миқдори озмунии молҳои зераксизӣ ҳангоми гузаронидани расмиёти муфлисшавии андозсупоранда, агар аз рӯи молҳои мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз пардохт нашуда бошад.

б) воридоти молҳои зераксизӣ бақаламравиҶумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукӣ;

в) агар қаблан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз пардохт нашуда бошад, фурӯши молҳои зераксизии мусодирашуда, бесоҳиб, тибқи ҳуқуқи мерос ба давлат гузашта ва ройгон ба моликияти давлат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда;

г) барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худ ва (ё) барои истеҳсоли молҳои дигари зераксизӣ истифода намудани молҳои зераксизӣ;

д) ҷамъкунӣ (комплекткунӣ) ва бегонакунии молҳои зераксизии дар зербанди д) банди 8 Дастурамал муайяншуда (автомобилҳои сабукрав ва ҳама гуна воситаҳои нақлиёти муҳаррикдоре, ки барои кашонидани одамон пешбинӣ шудаанд);

е) вайроншавӣ, нобудшавии молҳои зераксизӣ;

ж) расонидани намудҳои алоҳидаи хизмат дар соҳаи алоқаи барқӣ (новобаста ба намуд ва шакли дар иҷозатномаҳо барои хизматрасонии алоқаи барқӣ қайдгардида), ки дар банди 9 Дастурамал муайян шудаанд.

***Мисол:*** *Мақомоти андоз дар асоси талаботи моддаи 89 Кодекси андоз ҳуқуқ доранд, ки;*

*-дар рафти санҷиши андоз моликияте, ки объекти андозбандӣ ба шумор меравад ё ин ки объекти ба андозбандӣ вобастадоштаро новобаста ба ҷойгиршавиашон аз назар гузаронад, барӯйхатгирии моликияти андозсупорандаро (агенти андозро) ба истиснои биноҳои истиқоматӣ мутобиқи Тартиби тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашуда, анҷом диҳад;*

*-дар асоси сархати 9 банди 1 моддаи 89 Кодекси андоз дар рафти санҷиши андозбиноҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, анборҳо ва дигар биною иншоотҳои корхонаҳова шахсони воқеиро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии онҳо, ки барои гирифтани даромад истифода мешавад ва ё н ки ба объектҳои андозбандӣ вобастагӣ дорад, аз назар гузаронида мешавад.*

*Агар ҳангоми назорати андоз Мақомоти андоз, аз он ҷумла бақайдгирии моликияти андозсупоранда далелҳои набудани маҳсулоти зераксизӣ дар ҳудуди корхона ошкор карда шавад, пас дар асоси зербанди а) банд 7 Дастурамал молҳои мавҷуднабудаи зераксизӣ объекти андозбандии аксизро ташкил намуда, андози аксизӣ ҳисоб карда мешавад.*

## 4. НОМГӮИ МОЛҲОИ ЗЕРАКСИЗӢ ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ЗЕРАКСИЗӢ

8. Молҳои зераксизӣ инҳо мебошанд:

а) ҳамаи намудҳои спирт, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор;

б) тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку;

в) сӯзишвории минералӣ, ҳама намудҳои нафти хом ва маҳсулоти коркарди он, моддаҳои битуминозӣ, мумҳои минералӣ, гази моеъ;

г) шина ва покришкаҳои пневматикии резинии нав, шина ва

покришкаҳои пневматикии резинии барқароршуда ё пештар истифодашуда, шина ва покришкаҳои яклухт ё нимпневматикӣ, протекторҳои шинагӣ ва тасмаҳои ҳошиядори резинӣ;

д) автомобилҳои сабукрав ва ҳама гуна воситаҳои нақлиёти муҳаррикдоре, ки барои кашонидани одамон пешбинӣ шудаанд;

е) маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин қисмҳои онҳо аз металлҳои қиматбаҳо ва (ё) бо металлҳои қиматбаҳо рӯйпӯш кардашуда.

9. Намудҳои фаъолияти зераксизӣ инҳо мебошанд:

а) хизматрасонии алоқаи сайёри истифодаи умуми ҳамаи стандартҳо (хизматрасонии алоқаи кандуии мобилӣ);

б) хизматрасонӣ оид ба интиқоли маълумот (аз ҷумла алоқаи телеграфӣ ва IP-телефонӣ), аз ҷумла тавассути шабакаҳои операторон;

в) хизматрасонии хадамоти телематикӣ;

г) хизматрасонии алоқаҳои телефонии байналмилалӣ (байнишаҳрӣ) тавассути шабакаҳои операторҳо.

***Мисол:*** *ҶДММ "Азал" ба содироти маҳсулоти тамоку ва фурӯши минбаъдаи он тавассути шабакаи фурӯши чаканаи худ машғул аст. Санаи 25 январи соли 2013 Ҷамъият аз Қазоқистон ба миқдори 100 ҳазор баста сигор, ки нархи ҳар як бастаи он 2 сомонӣ аст (дар ҳар як баста 20 дона сигор ҳаст), ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ воридот намуд.*

*Дар мисоли мазкур мутобиқи талаботи сархати 2 зербади а) банди 7 ва зербанди б) банди 8 Дастурамали мазкур Ҷамъият супорандаи аксиз аз рӯи маҳсулоти зераксизии воридотӣ, яъне сигор мебошад.*

*Агар меъёри аксиз барои сигор(рамзи Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии берунӣ (НМФИХ)-240240) маблағи 0,85 евро барои 1000 дона сигорро ташкил намояд, пас ҳисобкунии маблағи аксиз чунин анҷом дода мешавад:*

*100 000 баста * 20 дона = 2 000 000 – шумораи воридот кардашудаи сигор.*

*(2 000 000 * 0,85)/1000 = 1700 евро маблағи аксиз, ки ҳангоми воридоти сигор мутобиқи қурби муқаррарнамудаи Бонки Миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт ситонида мешавад.*

***Мисол:****Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи "БВО" маҳсулоти шаробу арақ истеҳсол мекунад.*

*ҶСП "БВО" қарор намуд, ки воҳиди алоҳидаи худро бо номи ҶДММ "Фирӯз" ва сармояи оинномавии эълоншавандаи онро бо 50 000 сомонӣ маҳсулоти тайёр – арақ (1 000 дона зарфи яклитра бо спирти 40%, арзиши ҳар як зарф – 50 сомонӣ) ташкил намояд.*

*Дар мисоли мазкур додани маҳсулоти зераксизӣ (арақ) ба субъекти соҳибкорӣ ҳамчун сармояи оинномавӣ барои ҶСП "БВО" амалиёти андозбандишавандаи аксиз ба шумор меравад.*

*Агар меъёри аксиз барои арақ (рамзи НМФИХ -220860) 2,5 евро барои 1 литр спирти 100-фоиза муайян шуда бошад, пас андози аксиз чунин ҳисоб карда мешавад:*

*1 000 зарф * 1 литр = 1 000 литр арақ.*

*1 000 литр * 40% = 400 литр спирт дар 1 000 зарфи арақ.*

*400 литр спирт * 2,5 евро = 1 000 евро маблағи аксиз аз амалиёти мазкур, ки бо қурби муқаррарнамудаи Бонки Миллии Тоҷикистон пардохта мешавад.*

***Мисол:**ҶДММ "Делта" –соҳиби нефт бо заводи коркарди нефт барои хизматрасонӣ дар коркарди нефт бо мақсади ҳосил намудани бензин шартнома баст.*

*Дар асоси талаботи сархати сеюми зербанди а) банди 7 Дастурамал аксиз аз тарафи коркардкунанда ҳангоми ба молик (ҶДММ "Делта") ё мувофиқи дархости молик ба дигар шахс додани бензин ҳисоб карда мешавад.*

*Ҳамзамон, дар асоси талаботи сархати 2 зербанди а) банди 7 Дастурамал соҳибмулки нефт (ҶДММ "Делта") ҳангоми ба коркардкунанда додани нефт ҳам аксиз ҳисоб мекунад.*

*Соҳибмулки ашёи хом –(нефт) метавонад, арзиши хизмати коркардро бо як қисми маҳсулоти тайёр –бензин баргардонад. Дар ин ҳолат дар асоси талаботи сархати панҷуми зербанди а) банди 7 Дастурамал барои истифодаи маҳсулоти зераксизӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо маҳсулот объекти ҳисобкунии аксиз ба ҳисоб меравад.*

***Мисол:**.ҶДММ "ЛКР" – истеҳсолкунандаи маҳсулоти спиртӣ 600 литр спирти этилӣ ҳамчун маҳсулоти фармоишгар аз ҶСК "Аква" гирифт ва аз он 1500 литр маҳсулоти спиртии 40 фоиз спиртдор тайёр намуд.*

*ҶСК "Аква" дар асоси талаботи сархати 2 зербанди а) банди 7 Дастурамал ҳангоми додани спирти этилӣ ҳамчун ашёи хоми фармоишгар барои истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ вазифадор аст, ки аксиз ҳисоб кунад. Ҳангоми меъёри аксиз барои спирти этилии денатуризатсия нашуда бо ҳиссаи спирти камтар аз 80 фоиз (рамзи НМФИХ-2208) 2,5 евро ба 1 литр спирти беоби 100-фоиза будан, маблағи аксиз барои ҶСК "Аква" аз таҳвили мазкур 1050 евроро (600*70%)*2,5)ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат ҶСК "Аква" бояд ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз пешниҳод намуда, маблағи аксизро вобаста ба қурби амалкунадаи асъори миллии Бонки Миллии Тоҷикистон пардохт намояд.*

*Агар меъёри аксиз барои арақ (рамзи НМФИХ- 220860) бо андозаи 2,5 евро барои як литр арақи 100-фоиза муайян шуда бошад, пас аксизи ҶДММ "ЛКР" аз амалиёти мазкур чунин ҳисоб карда мешавад:*

*Маблағи аксиз дар ин мисол, аз маҳсулоти фармоишгар ҳангоми ба ӯ баргардонидани маҳсулоти тайёр маблағи 1500 евро (1500 литр * 40% * 2,5 евро)-ро ташкил мекунад. Ҳамзамон, ҳангоми пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҶДММ "ЛКР" ҳуқуқ барои ба ҳисоб гирифтани маблағи андози аксизи пешниҳоднамудаи ҶСК "Аква"-ро пайдо мекунад. Маблағи ба буҷет пардохтшаванда барои ҶДММ "ЛКР" аз амалиёти мазкур 450 евроро (1500-1050) ташкил*

*менамояд.*

## 5. МАНБАИ АНДОЗ

10. Манбаи андоз оид ба андози аксиз нисбат ба моли андозбандишаванда инҳо мебошанд:

а) ҳаҷми воқеии молҳои зераксизӣ;

б) маблағи амалиёти андозбандишавандаи дар асоси нархи фурӯши чаканаи молҳои зераксизӣ муайяншаванда, бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо;

в) маблағи амалиёти андозбандишавандаи ба арзиши гумрукӣ ё нишондиҳандаи ҳаҷми воқеии моли зераксизӣ асос ёфта, ки мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, муайян карда мешавад;

г) маблағи амалиёти андозбандишавандае, ки дар асоси нархи чаканаи мол бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо – ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ ба сифати пардохт дар шакли аслӣ (натуралӣ), тӯҳфа додани молҳои зераксизӣ, ҳангоми ба моликияти гаравгиранда додани молҳои ба гарав мондашуда ё амалиёти мубодила, инчунин дар асоси ройгон додани молҳои зераксизӣ.

11. Нархҳои мутобиқи зербандҳои б) ва г) банди 10 Дастурамал барои ҳисоб намудани ӯҳдадориҳои андозӣ оид ба аксизҳо муайян шаванда аз нархҳои чаканаи амалкунанда паст буда наметавонанд.

12. Дар ҳолате ки мутобиқи муқаррароти банди 20 Дастурамал барои намудҳои гуногуни спирт, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор меъёрҳои гуногуни аксиз муқаррар шавад, манбаи андоз барои амалиётҳои бо меъёрҳои гуногун андозбандишаванда алоҳида муайян карда мешавад.

13. Нархи бастаҳо, ба ғайр аз бастаҳои баргардондашаванда, ҳангоми муайян намудани маблағи амалиёти андозбандишаванда ба инобат гирифта мешавад.

14. Муқаррароти бандҳои 10-12 Дастурамал, новобаста ба он, ки мол аз ашёи хоми шахсӣ ё аз ашёи хоми барои коркард додашуда истеҳсол шудааст, татбиқ карда мешаванд.

15. Манбаи андоз барои андозсупорандагоне, ки намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳоро дар соҳаи алоқаи барқӣ анҷом медиҳанд, маблағи подошпулии барои анҷом додани хизматрасониҳои пешбинигардида гирифташуда (гирифташаванда) бо тарҳи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо мебошад.

***Мисол:*** *ҶСП "МТС Тоҷикистон" ба хизматрасонии алоқаи сайёри мобилӣ бо стандартҳои GSM, UMTS ва LTE машғул аст. Муштариёни оператори мазкур аз рӯи намуди пардохт ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:*

1) *шакли пешпардохти (препэйдӣ) маблағ;*
2) *шакли қарзии (постпэйдӣ)пардохт барои хизматрасонии алоқаи дар ҷамъбасти моҳи тақвимӣ расонидашуда;*
3) *шакли омехтаи пардохт (шакли пешпардохт бо назардошти*

*гирифтани қарз).*

*Дар асоси талаботи банди 15 Дастурамал барои ҶСП “МТС Тоҷикистон” манбаи андоз бо назардошти баҳисобгирии маблаги андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз чунин мебошад:*

*1)барои гурӯҳи якуми мизоҷон маблаги пешпардохти хизматрасо-нии алоқа дар давраи ҳисоботӣ (моҳи тақвимӣ);*

*2) барои гурӯҳи дуюм маблаги воқеии хизматрасонишудаи алоқа дар моҳи ҳисоботии тақвимӣ;*

*3) барои гурӯҳи сеюм, ки дар санаи охирони моҳи ҳисоботӣ балanси мусбӣ доранд, маблаги андозбандишаванда маблаги пешпардохти гирифташуда мебошад. Барои мизоҷоне, ки дар рӯзи охирони моҳи ҳисоботӣ балансӣ манфӣ ё ин ки сифрӣ доранд, маблаги андозбандишавандаи амалиёт маблаги воқеии хизматрасонии алоқа дар моҳи ҳисоботии тақвимӣ ба шумор меравад.*

Вобаста ба хусусияти технологияи рақамӣ ва рушди хизматрасонии дастрасии иттилоот, операторони алоқа имконияти тавассути таҷҳизоти мобилӣ ё ин ки интернет пардохти хизматрасониҳои гуногунро (хизмати коммуналӣ, хизмати нақлиёт, хизмати шахсони сеюм ва ғайраҳо) аз ҳисоби истифодаи балanси мусбӣ дар ҳисобҳои билингии худ пайдо намуданд. Дар чунин ҳолатҳо, операторони алоқа аз мизоҷони худ мукофотпулӣ барои ташкили канали дастрасии иттилоот оиди гузаронидани маблағ ба манфиати шахсони сеюмро соҳиб мешаванд. Дар ин ҳолат, барои операторони алоқа манбаи андозбандӣ маблағи мукофотпулии барои дастрасии иттилооти гузаронидани маблағ аз ҳисоби биллингӣ ба ҳисоб рафта, маблағи аксизи аз пешпардохт гирифташуда дар моҳи ҳисоботие, ки дар он пешпардохт гирифта шудааст, тасҳеҳ карда мешавад, чунки маблағи ба шахсони сеюм гузаронидашуда маблағи хизмати алоқа эътироф намешавад.

***Мисол:**ҶСП “ТТ Мобайл” моҳи феврали соли 2013 аз мизоҷони худ ба маблаги 50 000 000 сомонӣ (бе назардошти ААИ ва аксиз) пешпардохти хизматрасонии алоқа гирифт, ки мизоҷон дар моҳи феврали соли 2013 ба маблаги 40 000 000 сомонӣ хизмати алоқаро истифода намуда, маблаги 10 000 000 сомонӣ ҳамчун пешпардохт дар ҳисоби биллингии онҳо боқӣ монд. ҶСП “ТТ Мобайл” аз маблаги пешпардохти гирифташудаи моҳи феврали соли 2013 ба манфиати буҷет ба маблаги 1 500 000 сомонӣ (50 000 000 сомонӣ * 3%) аксиз ҳисоб намуд. Дар моҳи марти соли 2013 мизоҷон маблаги 100 000 сомониро барои хизмати коммуналӣ, нақлиёт ба манфиати шахсони сеюм истифода намуданд. ҶСП “ТТ Мобайл” аз ҳисоби ташкили канали пулгузаронӣ ба маблаги 6 000 сомонӣ мукофотпулӣ гирифт. Объекти андозбандӣ барои ҶСП “ТТ Мобайл” маблаги мукофотпулӣ (6 000 сомонӣ) ба ҳисоб меравад. Маблаги боқимондаи 94 000 сомонӣ (100 000 – 6 000) бояд тимсоли андоз аз арзиши иловашуда (моддаи 167 Кодекси андолз) ба тарафи камшавии манбаи андозбандӣ бинобар барои хизмати алоқа истифода нашудан, тасҳеҳ карда шавад.*

16. Ҳангоми вайрон, гум шудани молҳои зераксизии истеҳсолшуда

ва (ё) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда аксиз дар ҳаҷми пурра аз миқдори молҳои зераксизии вайроншуда ва (ё) гумшуда пардохт мешавад, ба истиснои мавридҳои дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулоддаи мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи сархати дуюми қисми 1 моддаи 184 Кодекси андоз тасдиқшуда ба миён омадаанд. Ҳамзамон, нисбат ба молҳои зераксизии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда муқаррароти мазкур дар он ҳолат татбиқ мешаванд, ки андозсупоранда имконияти супоридани аксизро барои молҳои зераксизии амалан воридшуда бевосита дар лаҳзаи воридшавии онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи моддаи 363 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон надошта, нисбат ба молҳои зераксизии воридшуда расмиёт ва (ё) низомҳои пешбиникунандаи насупоридани пардохтҳои гумрукиро истифода бурда, вайрон, гум шудани молҳои зераксизии воридшуда дар давраи таҳти амали расмиёт ва низомҳои зикршуда қарор доштанашон рух дода бошад.

17. Барои мақсадҳои ҳамин қисм таҳти мафҳуми вайрон, гум шудани маҳсулоти зераксизӣ ҳодисаҳои зерин фаҳмида мешаванд, яъне:

а) вайрон шудани мол (молу мулк) маънои бад шудани ҳама ё баъзе сифатҳои (хусусиятҳои) алоҳидаи молро (молу мулкро) дорад, ки дар натиҷаи он моли (молу мулки) мазкур барои мақсадҳои муомилоти андозбандишаванда истифода шуда наметавонад;

б) таҳти мафҳуми гум шудани мол (молу мулк) ҳодисае фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он нобудшавӣ ва (ё) гумшавии мол (молу мулк) рух додааст.

Дар ҳудуди меъёрҳои камшавии табиӣ муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нест шудани моли (молу мулки) андозсупоранда маънои гум шуданро надорад.

## 6. ВАҚТИ АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ АНДОЗБАНДИШАВАНДА

18. Вақти (санаи) анҷом додани амалиёти андозбандишаванда нисбат ба молҳои зераксизии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва (ё) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда вақти (санаи) таҳвили (додани) молҳои зераксизӣ мебошад, аз ҷумла:

а) вақти (санаи) баровардани (таҳвили, фурӯши) молҳо берун аз корхона (макони истеҳсолот);

б) вақти (санаи) ба пудратчӣ (коркардкунанда) додани молҳои барои коркард додашаванда, ки молҳои зераксизӣ мебошанд;

в) вақти (санаи) ба фармоишгар (шахси муайяннамудаи фармоишгар) додани молҳои зераксизӣ барои коркард ё молҳои аз ашёи хоми барои коркард додашудаи молҳои зераксизӣ истеҳсолшуда;

г) вақти (санаи) додани молҳои зераксизӣ ҳангоми истифодаи онҳо барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худӣ;

д) вақти (санаи) тартиб додани санад дар хусуси аз ҳисоб баровардани маҳсулоти зераксизии вайроншуда ё вақти (санаи) қабули қарор оид ба истифодаи минбаъдаи он дар раванди истеҳсолот дар

ҳолати вайроншавии молҳои зераксизӣ;

е) вақти (санаи) гумшавии маҳсулоти зераксизӣ ҳангоми гумшавии маҳсулоти зераксизӣ;

ж) вақти (санаи) ба фонди оинномавӣ (сармоявӣ) дохил кардани молҳои зераксизии субъекти соҳибкорӣ;

з) вақти (санаи) додани (боркунии) молҳои зераксизӣ ҳангоми пардохти аслӣ (натуралӣ);

и) вақти (санаи) фурӯши молҳои зераксизии мусодирашуда, бесоҳиб, тибқи ҳуқуқи мерос ба давлат гузашташуда ва ройгон ба моликияти давлат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, агар аз рӯи молҳои нишондодашуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан аксиз пардохт нашуда бошад;

к) вақти (санаи) фурӯши миқдори озмунии молҳои зераксизӣ, агар аз рӯи молҳои зикргардида дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз пардохт нашуда бошад;

л) вақти (санаи) ҷамъкунии (комплекткунии) молҳои зераксизие, ки дар сархати панҷуми банди 8 Дастурамал муайяншуда;

м) вақти (санаи) амалӣ намудани воридот мутобиқи қонунгузории гумрук.

19. Нисбат ба намудҳои фаъолияти зераксизӣ-хизматрасониҳои алоҳидаи алоқаи барқии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашаванда вақти (санаи) анҷом додани амалиёти андозбандишаванда вақти (санаи) муайяннамудаи қисми 5 моддаи 174 Кодекси мазкур ба ҳисоб меравад.

***Мисол:****ҶДММ «Чашма» обҳои минералӣ ва газдор (рамзи НМФИХ - 220110) истеҳсол мекунад.*

*Санаи 31 марти соли 2013 ҶДММ «Чашма» ба харидор 5 000 дона оби минералӣ ва газдор фиристонид. Харидор борро 1 апрели соли 2013 қабул ва бадаромад гирифт ва арзиши маҳсулоти таҳвилшударо 2 июни соли 2013 пардохт намуд. Ғунҷоиши ҳар як зарф 0,5 литр аст.*

*Фарз мекунем, ки меъёри аксиз барои обҳои минералӣ ва газдор (рамзи НМФИХ -220110) ба 0,01 евро барои як литр баробар аст, пас ҳисоби аксиз чунин мешавад:*

*5 000 зарф * 0,5 = 2 500 литр*

*2 500 литр * 0,01 евро = 25 евро –маблағи аксиз.*

*Дар ин ҳолат, мутобиқи талаботи банди 18 Дастурамал амалиёти андозбандишаванда 31 марти соли 2013, яъне рӯзи боркунии маҳсулоти зераксизӣ – рузи баровардан (таҳвил, фурӯш)аз ҳудуди корхона (ҷои истеҳсолшуда) ҳисобида мешавад.*

## 7. МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ

20. Меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизӣ дар асоси моддаи 200 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии

хоричӣ муқаррар карда мешаванд.

21. Меъёрҳои аксизҳо метавонанд бо фоизҳо (адвалорӣ) ба арзиши молҳои зераксизӣ ва (ё) бо маблағи устувор (мутлақ) ба воҳиди ченаки молҳои зераксизӣ дар ифодаи натуралӣ муқаррар карда шаванд.

22. Меъёрҳои аксизҳо барои маҳсулоти спиртдор вобаста ба ҳаҷми спирти беоби дар таркибаш мавҷудбуда (садфоиза) тасдиқ карда мешаванд.

23. Меъёри аксиз барои намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар соҳаи алоқаи баркӣ дар ҳаҷми 3 фоизи манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

## 8. ОЗОДКУНӢ

24. Аз супоридани аксиз озод мебошанд:

а) нӯшокиҳои спиртдор, ки шахси воқеӣ мувофиқи номгӯй ва дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли худӣ истеҳсол мекунад;

б) ворид намудани ду литр нӯшокии спиртӣ, ду баста (400 дона) сигор, маснуоти заргарӣ ба миқдори 4 адад (бо арзиши на зиёда аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) аз тарафи шахси воқеӣ барои истеъмоли (истифодаи) худӣ, инчунин сӯзишвории автомобил мувофиқи ғунҷоиши зарфи сӯзишвории автомобил барои шахсоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути автомобил ворид мешаванд;

в) молҳое, ки ба тариқи транзит тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд;

г) воридоти муваққатии молҳо ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои молҳое, ки барои содироти такрорӣ (реэкспорт) пешбинӣ шудаанд;

д) молҳои зераксизӣ, ба ғайр аз маҳсулоти спиртдор ва тамоку, ки дар доираи кӯмаки башардӯстона ворид мешаванд, инчунин молҳои воридшаванда барои беподош додан ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо ва барои беподош додан ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда;

е) содироти молҳои зераксизӣ, агар чунин содирот ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи боби 9 Дастурамал бошад.

25. Озодкунӣ аз аксизҳои дар зербандҳои “в” ва “е”-ибанди 24 Дастурамал пешбинигардида танҳо дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки шартҳои озодкунӣ аз боҷи гумрукӣ дар низомҳои дахлдор мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шаванд. Дар ин ҳолатҳо, агар барои мақсади ситонидани боҷи гумрукӣ воридот таҳти низоми баргардонидани боҷи гумрукӣ қарор гирад ё супоридани боҷи гумрукӣ дар ҳолати вайрон намудани шарти озодкунӣ талаб карда шавад, ҳамин низом нисбат ба ситонидани аксиз татбиқ мегардад.

## 9. ТАСДИҚИ СОДИРОТИ МОЛҲОИ ЗЕРАКСИЗӢ

26. Ҳангоми содироти молҳои зераксизӣ барои тасдиқи асоснокии озодкунӣ мутобиқи банди 24 Дастурамал аз ҷониби андозсупоранда дар давоми 120 рӯзи тақвимӣ аз санаи қайди мақоми гумруке, ки баровардани молҳои зераксизиро бо низоми содирот амалӣ намудааст, ба мақомоти андози маҳалли бақайдгириаш ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

а) шартнома (қарордод) оид ба таҳвили молҳои зераксизии содиршаванда;

б) эъломияи гумрукии бор ё нусхаи он, ки мақомоти гумрук тасдиқ кардааст, бо қайди мақоми гумруке, ки молҳои зераксизиро бо низоми содирот баровардааст, дар мавриди баровардани молҳои зераксизӣ таҳти низоми содирот тавассути шабакаи қубурҳои магистралӣ ё ин ки бо истифодаи расмиёти барасмиятдарории нопурраи эъломияи даврагӣ бошад, эъломияи гумрукии пурраи бор бо қайди мақоми гумруке, ки барасмиятдарории гумрукиро анҷом додааст;

в) нусхаи ҳуҷҷатҳои бо мол фиристодашаванда бо қайди мақоми гумруке, ки дар гузаргоҳи қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ аст, дар мавриди баровардани молҳои зераксизӣ таҳти низоми содирот тавассути шабакаи қубурҳои магистралӣ бошад, санади қабулу супоридани молҳо пешниҳод карда мешавад;

г) ҳуҷҷатҳои пардохт ва иқтибоси бонк (нусхаи иқтибос), ки воридоти воқеии даромади асъорро аз таҳвили молҳои зераксизӣ ба содирот ба суратҳисобҳои андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ба суратҳисобҳои ӯ дар бонкҳои хориҷӣ тасдиқ менамоянд.

27. Агар дар шартнома (қарордод) ҳисоббаробаркунӣ бо пули накд пешбинӣ шуда бошад, андозсупоранда иқтибоси бонк (нусхаи иқтибос), ки ба суратҳисоби дар бонки ватанӣ ва (ё) ба суратҳисобҳои дар бонкҳои дар хориҷа кушодаи ӯ гузаронидани маблағҳои бадастовардаашро тасдиқ мекунад, инчунин нусхаҳои ордери хазинавии даромадро, ки воридоти воқеии даромадро (маблағро) аз шахси хориҷӣ – харидори молҳои содиршуда тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.

28. Дар ҳолати анҷом додани амалиёти иқтисодии хориҷӣ оид ба мубодилаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воридоти молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳоро) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи амалиётҳои зикргардида гирифта шудаанд ва ба ҳисоб гирифтани онҳоро пешниҳод мекунад.

29. Ҳангоми тасдиқ нашудани содироти молҳои зераксизӣ мувофиқи бандҳои 26-28 ҳамин Дастурамал чунин содирот мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб барои андозбандии таҳвили молҳои зераксизӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аксизбандӣ карда шавад.

30. Ҳангоми ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти молҳои зераксизӣ дар давоми 180 рӯзи тақвимӣ аз санаи қайди дар банди 26 Дастурамали мазкур пешбинигардидаи мақоми гумрук андозсупоранда барои баҳисобгирӣ ё баргардонида гирифтани андозимутобиқи банди 29ҳамин Дастурамалпардохтшуда, ба истиснои фоизҳои ҳисобшуда, ҳуқуқ дорад.

Дар акси ҳол андозсупоранда ҳуқуқи баҳисобгирӣ ё баргардонидани андози мутобиқи банди 29 ҳамин Дастурамалпардохтшударо надорад.

## 10. БА ҲИСОБ ГИРИФТАНИ АКСИЗ

31. Супорандаи аксиз ҳуқуқ дорад маблағи аксизи ба буҷет пардохтшавандаро ба маблағи аксизе, ки ҳангоми харид (гирифтан) ё ҳангоми воридоти молҳои зераксизӣ ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт шудаанд, кам кунад, агар молҳои зикргардида ба сифати ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифода шуда бошанд.

***Мисол:*** *Аксизи ашёи хоми харидашуда дар сурате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар ба ашёи хом ва маҳсулоти зераксизии аз он истеҳсолшуда ҳамон як ченаки ҳисобкунии объекти аксиз истифода шавад ё ин ки маҳсулоти истифодашуда ҳамчун ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ сарф шуда бошад.*

*Масалан, чунин воҳиди ченак 1 литр спирти этилии беоб ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти спиртдор шуморида мешавад.*

*Ҳангоми истифодаи воҳидҳои гуногуни ченак маблаги аксизи ашёи хоми барои маҳсулоти зераксизӣ сарфшуда ба ҳисоб гирифта нашуда, ба арзиши аслии маҳсулоти тайёри аксизӣ зам карда мешавад.*

*Корхона сигор истеҳсол мекунад. Маҳсулоти тамокуи дар истеҳсолот истифодашаванда мутобиқи технология бояд бо маҳсулоти спиртдори хушбуйкунанда коркард карда шавад.*

*Дар ин ҳолат, маблаги аксизи ҳангоми харидорӣ намудани хушбӯйкунандаҳо пардохтшуда ба арзиши аслии сигор зам шуда, ба ҳисоб гирифта намешавад, чунки воҳиди ченаки объекти андозбандии аксиз гуногун буда, хушбӯйкунандаҳо ашёи хоми асосии истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ (сигарет) нестанд.*

*Воҳиди ченак барои сигор – 1 000 дона ва барои спирт – 1 литр муқаррар шудааст.*

32. Супорандаи аксиз барои хизматрасониҳои зераксизӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ дар қисмати хизматрасониҳои интернетӣ ҳуқуқ дорад маблағи аксизи ҳангоми хариди (гирифтани) чунин хизматрасониҳо пардохтшударо бо усули мутаносибӣ кам кунад, агар хизматрасониҳои зикргардида аз ҷониби андозсупоранда барои хизматрасониҳои зераксизии алоқаи барқӣ истифода шуда бошанд.

Бо усули мутаносибӣ маблағи аксизи баҳисобгирифташуда бо роҳи вазни қиёсии амалиёти андозбандишаванда бар маблағи умумии амалиёт муайян карда мешавад.

***Мисол:*** *ҶДММ «Мумин» дар моҳи марти соли 2013ба маблаги 70 000 сомонӣ хизмати алоқаи барқӣ оид ба дастрасии ба шабакаи интернет ва IP-телефония тавассути шабакаи WiMax ваWiFi(хизмати дастрасии иттилоот)ва бо маблаги 50 000 сомонӣ хизмати телематикӣ, бе*

*назардошти ААИ ва аксиз расонид. ҶДММ «Мумин» пайраҳаи интернетиро аз ҶДММ «Вавилон–Т» бо нархи моҳонаи 18 231 сомонӣ харидорӣ намудааст. ҶДММ «Вавилон –Т» ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо пешниҳод намуда, дар он маблаги аксизро алоҳида 450 сомонӣ (18231/1,18*3/103) нишон додааст. Вазни қиёсии хизмати дастрасии интернет ва IP-телефония дар маҷмӯи хизматрасонии моҳи марти соли 2013 58,3 фоизро (70 000/(70 000+50 000 *100)ташкил намуд. ҶДММ «Мумин» ҳуқуқ дорад, ки дар эъломияи моҳи марти соли 2013 бо усули мутаносибӣ маблаги 262,3 сомониро (405*58,3%) ба ҳисоб гирифта, маблаги уҳдадории андозиро худро кам кунад.*

33. Мутобиқи банди 31 Дастурамал тарҳкунӣ ба маблағи аксизи ба миқдори ашёи хоми воқеан дар давраи андоз барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифодашуда, ки дар асоси меъёрҳои бароришиi маҳсулоти зераксизӣ аз ашёи хоми зераксизӣ ба амал баровaрда мешавад.

***Мисол:*** *Дар моҳи январи соли 2013 бо маблаги 1 000 сомонӣ ашёи хом харида шуд. Ба маблаги 200 сомонӣ аксизи ашёи хоми харидашуда пардохт карда шуд. Дар ҳамин моҳ ба маблаги 500 сомонӣ ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ сарф шуда, маҳсулоти тайёр ба харидорон фиристонида шуд.*

*Аксиз барои ҳисобгирӣ маблаги 100 сомониро ташкил медиҳад (500 : 1000 * 200).*

34. Муқаррароти бандҳои 31 ва 32Дастурамал ҳангоми супоридани молҳои зераксизие, ки аз ашёи хоми зераксизии барои коркард додашуда истеҳсол шудаанд, ба шарти тасдиқи супоридани аксиз аз ҷониби соҳиби ашёи хоми зераксизии барои коркард додашуда, татбиқ мегарданд.

35. Аз ҷониби супорандагони аксиз ба ҳисоб гирифтани (ё мутобиқи моддаи 69 Кодекси мазкур баргардонидани) аксизе, ки барои молҳои зераксизии аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсадҳои тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фармасевтӣ ҳангоми истеҳсоли доруворӣ мувофиқи тартиб ва бо меъёри муқаррарнамудаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда супорида шудааст, иҷозат дода мешавад.

36. Ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани аксиз мутобиқи ҳамин боб танҳо дар мавриди пешниҳод намудани ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо, ки супоридани аксизро ҳангоми харидани молҳои зераксизӣ (ашёи хом) тасдиқ менамояд ё ба шарте, ки супоридани аксиз аз ҷониби соҳиби молҳои (ашёи хоми) зераксизии барои коркард додашуда тасдиқ шавад, ё дар ҳолати воридоти ашёи хом ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор, иҷозат дода мешавад. Номгӯи ҳуҷҷатҳоеро, ки супоридани аксизро тасдиқ мекунанд, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

***Мисол:****Завод барои истеҳсоли арақ спирти этилӣ харидорӣ намуд. Маблаги аксизи спирти мазкур 50 000 сомониро ташкил дод. Маблаги*

*аксиз дар ҳисобнома-фактура дар сатри алоҳида нишон дода шуд.*

*Спирти харидоришуда дар моҳи марти соли 2013 барои истеҳсоли арақ пурра истифода бурда шуд, вале арзиши он танҳо дар моҳи июли соли 2013ба молтаъминкунада пардохт карда шуд.*

*Дар моҳи март арақи истеҳсолшуда ба харидорон таҳвил карда шуд. Дар ин ҳолат, баҳисобгирии аксизи спирти этилии харидашуа дар моҳи марти соли 2013 бо маблаги 50 000 сомонӣ иҷозат дода намешавад, чунки дар моҳи март маблаги молтаъминкунанда пардохт нашуд. Баҳисобгирии аксиз танҳо дар сурати ба молтаъминкунада пардохт шудани аксиз иҷозат дода мешавад.*

37. Мутобиқи ҳамин Дастурамал ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андоз нисбат ба маблағи аксизе ба амал бароварда мешавад, ки бо дарназардошти ҳаҷми (миқдори, арзиши) дар асл дар давраи андоз истифодашудаи молҳои (ашёи хоми) зераксизии барои истеҳсоли дигар молҳои зераксизӣ бо мақсадҳои тиббӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо, инчунин аз ҷониби корхонаҳои фармасевтӣ ҳангоми истеҳсоли дорувории тиббӣ харидашуда (додашуда) муайян шудааст.

## 11. ДАВРАИ АНДОЗ. ПАРДОХТИ АКСИЗҲО

38. Давраи андози аксиз моҳи тақвимӣ мебошад.

39. Ҳангоми истеҳсоли молҳои зераксизӣ аксизҳо бояд аз амалиёти андозбандишаванда на дертар аз санаи 10-уми моҳи минбаъдаи баъди моҳи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда супорида шаванд.

40. Андозсупоранда ҳуқуқ надорад молҳои зераксизиро аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ бе супоридани андози аксизии ин молҳо берун барорад.

41. Ҳангоми воридоти молҳо аксиз аз ҷониби мақомоти гумрук мувофиқи тартиби муқарраргардидаи Кодекси мазкур ва қонунгузории гумрук ситонида мешавад.

42. Пардохти аксиз ба буҷет барои хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи барқӣ на дертар аз санаи 10-уми моҳи минбаъдаи баъди моҳи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда амалӣ мешавад.

## 12. НАЗОРАТИ АНДОЗИ МАҲСУЛОТИ ЗЕРАКСИЗИИ СПИРТДОР, БЕ СПИРТ ВА ТАМОКУ

43. Назорати андозии баҳисобгирии ҳаҷми истеҳсол (рехтан), нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва аз ҳудуди бинои истеҳсолӣ берун баровардани маҳсулоти зераксизии спиртдор, бе спирт ва (ё) тамоку, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, бо дарназардошти моддаи 206 Кодекси андоз, мувофиқи тартиби муқарраргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

44. Ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку таҳти низоми иҷозат барои муомилоти озод аз ҷониби мақомоти гумрук танҳо баъди пешакӣ мувофиқи тартиби муқарраргардидаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба

чунин маҳсулот гузоштани тамғаҳои аксизӣ иҷозат дода мешавад.

45. Ба маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку гузоштани тамғаҳои аксизӣ аз ҷониби шахси воридкунандаи чунин маҳсулот таъмин карда мешавад. Барои ба маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамокуи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда гузоштани тамғаҳои аксизӣ ин маҳсулот бояд мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар анборҳои нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир ё таҳти низоми анбори гумрукӣ эъломия карда шавад.

46. Барасмиятдарории гумрукии маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод метавонад бо қисмҳои алоҳида мутаносибан ба маблағи супоридашудаи боҷи гумрукӣ ва андозҳое, ки қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат гирад.

## 13. МАҲАЛЛИ СУПОРИДАНИ АКСИЗ, ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ

47. Пардохти аксиз барои молҳои зераксизӣ, ба истиснои ҳолатҳои дар бандҳои 48 ва 49 Дастуамал пешбинигардида, дар маҳалли бақайдгирии супорандаи аксиз амалӣ карда мешавад.

48. Супорандагони андози аксиз аз рӯи молҳои зераксизӣ, ки дорои воҳидҳои алоҳида мебошанд, андози аксизро дар маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳида, ки истеҳсоли молҳои зераксизиро анҷом медиҳанд, месупоранд.

49. Аксиз барои намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи барқӣ бояд ба буҷет дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда (новобаста ба мавҷудияти воҳидҳои алоҳида) супорида шавад.

50. Супорандагони аксиз эъломияҳои андозро бо замима намудани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои қабулшуда ва (ё) ирсолшуда мувофиқи шакли дар замима овардашуда,на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод менамоянд.

51. Супорандагони аксиз аз рӯи молҳои зераксизӣ дорои воҳидҳои алоҳида ҳамзамон бо эъломия ҳисобҳои аксиз барои воҳидҳои алоҳидаро пешниҳод менамоянд.

52. Эъломия оид ба пардохти аксизҳо барои хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи барқӣ на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботии андоз ба мақомоти андозе, ки андозсупоранда дар он ба ҳисоб гузошта шудааст, пешниҳод карда мешавад.

## 14. БАРГАРДОНИДАНИ АКСИЗ ҲАНГОМИ СОДИРОТИ ТАКРОРИИ (РЕЭКСПОРТ) МОЛҲО

53. Дар ҳолати содироти такрории (реэкспорти) молҳо аксиз ҳангоми воридоти молҳо супорида шуда, баъдан аз ҷониби мақомоти молия, ки ба онҳо ҳангоми воридоти молҳо аксиз супорида шуда буд, якҷоя бо мақомоти дахлдори гумрук мутобиқи ҳаҷми воқеии содироти

такрорӣ (реэкспорт) баргардонида мешавад. Баргардонидани маблағ мувофиқи тартиби муқарраргардида дар давоми 30 рӯзи баъди пешниҳод намудани аризаи хаттии андозсупоранда анҷом дода мешавад.

54. Банди 53 Дастурамал нисбат ба молҳое, ки воридоти онҳо мутобиқи зербанди д)банди 24 Дастурамал аз аксиз озод аст, татбиқ намегардад.

## 15. ТАМҒАҲОИ АКСИЗ

55. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи моддаи 210 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи молҳои зераксизии ватанӣ ва воридотиро, ки бояд тамғаҳои аксизӣ гузошта шаванд, муқаррар менамояд. Фурӯши чунин молҳои зераксизӣ бе тамғаҳои аксизӣ манъ аст. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд чунин молҳои зераксизиро, ки бе тамғаҳои аксизӣ ба фурӯш бароварда шудаанд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонмусодира намоянд.

56. Тамғаҳои аксизӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботдиҳии қатъӣ буда, дорои дараҷаи муайяни муҳофизат мебошанд. Тартиби таҳия ва муомилоти онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Тартиби гузоштани тамғаҳои аксизӣ ба маҳсулоти зераксизӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешавад.

57. Истеҳсолкунандагон ва шахсон - воридкунандагони молҳои зераксизӣ барои тамғагузории молҳои зераксизӣ ҷавобгар мебошанд.

58. Агар дар ҳамин боби Дастурамал тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, ҳангоми вайрон шудан ё гум шудани тамғаҳои аксизӣ аксиз дар ҳаҷми навъҳои пешниҳодшудаимолҳои зераксизӣ пардохт мешавад.

59. Ҳисоби аксизи тамғаҳои аксизии вайронгардида ё гумшуда (аз ҷумла дуздидашуда), ки барои тамғагузории молҳои зераксизӣ мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз пешбинӣ шудаанд, бо дарназардошти меъёрҳои муқарраргардида, ки нисбат ба воҳиди ҳаҷми зарфи (зарф, бастаи) дар тамға зикргардида истифода мегарданд, анҷом дода мешавад.

60. Ҳангоми дар тамға мавҷуд набудани ишора ба ҳаҷми воҳиди зарф (зарф, баста), ҳисоби аксиз аз рӯи тамғаҳои аксизии гум ё вайроншуда бо дарназардошти ҳаҷми нисбатан калони воҳиди зарф (зарф, баста), ки ба он рехтани (печонидани, бастубанди) молҳои зераксизӣ дар ҷараёни давраи андозе, ки пеш аз давраи вайрон шудан ё гум шудани тамғаҳои аксиз сурат гирифтааст, муайян карда мешавад.

61. Ҳангоми вайрон шудан, гум шудани тамғаҳои аксизӣ дар ҳолатҳои зайл аксиз пардохт намешавад:

а) вайрон шудан ё гум кардани тамғаҳои аксизӣ дар натиҷаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи сархати дуюми қисми 1 моддаи 184 Кодекси андоз тасдиқ гардидаанд;

б) оид ба молҳо, аз ҷумла воситаҳои асосӣ, ҳангоми вайрон ва гум шудани онҳо (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодда рух додаанд). Вайрон, гум шудани молҳо дар натиҷаи

ҳолатҳои фавқулодда бояд бо хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда, ки дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди санаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда таҳия ва ба мақоми дахлдори андоз на дертар аз мӯҳлати пешбинигардида пешниҳод гардидааст, тасдиқ карда шавад. Дар айни замон нисбат ба молҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда талаботи мазкур дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки андозсупоранда имконияти супоридани андозро барои молҳои амалан воридшуда бевосита дар лаҳзаи воридшавии онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи моддаи 363 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон надошта, нисбат ба молҳои воридшуда расмиёт ва (ё) низомҳои пешбиникунандаи насупоридани пардохтҳои гумрукиро истифода бурдааст ва молҳои воридшуда дар давраи таҳти расмиёт ва (ё) низомҳои дар боло пешбинигардида қарор доштанашон вайрон ва нобуд шуда бошанд;

в) тамғаҳои аксизии вайроншуда, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси санади аз ҳисоб баровардан ҷиҳати нобудсозӣ қабул гардидаанд.

## 16. ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАҲО

62. Андозсупорандае, ки таҳвил ва (ё) воридоти молҳои зераксизиро амалӣ менамояд, инчунин ба намуди фаъолияти зераксизӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ машғул аст, ӯҳдадор аст мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 186 ва 187 Кодекси андоз ба қабулкунандагони молҳои зераксизӣ ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро тартиб дода (навишта), супорад.

63. Агар андозсупоранда супорандаи андоз аз арзиши иловашуда набошад, дар ҳисобнома-фактураҳо маълумот оид ба андоз аз арзиши иловашуда ҷой карда намешавад.

## 17.НАЗОРАТИ ПАРДОХТИ АКСИЗ, МАСЪУЛИЯТ

64. Назорати умумии пардохти аксизҳо, ба истиснои маҳсулоти зераксизии воридотӣ аз ҷониби Мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

65. Мутобиқи банди 4) моддаи 206 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмиятдарории гумрукии маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод метавонад бо қисмҳои алоҳида мутаносибан ба маблағи супоридашудаи боҷи гумрукӣ ва андозҳое, ки қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат гирад.

66. Бо мақсади назорати ҳисоби гардиши мол, аз он ҷумла маҳсулоти зераксизӣ ва маблағи пулӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004, №497 дидбонгоҳҳои андозӣ ташкил намояд.

67. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо, инчунин шахсони мансабдор ва кормандони Мақомоти андоз барои иҷро накардани қонунгузории андоз тибқи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ масъул мебошанд.